# ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 25. Тел.: (992 37) 221-44-05,
факс: 221-16-22 e-mail: info@minjust.tj, web: www.minjust.tj

№ 4-4-280 аз « 4 » 10 соли 2024

Ба №__________ аз «____»______________ соли 202__

Агентии инноватсия ва технологияҳои
рақамии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ба №1-4б/355,
аз 11-уми сентябри соли 2024-ум

Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фармоиши директори Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11-уми сентябри соли 2024-ум, №1/38 «Дар бораи Қоидаҳои санҷиши аслияти имзои электронӣ, аз ҷумла тасдиқи аслияти имзои электронии ҳифзшуда дар ҳуҷҷати электронӣ»-ро баррасӣ намуда, онро 4-уми октябри соли 2024-ум, №1306 ба қайди давлатӣ гирифт.

Мутобиқи моддаи 89 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидошта танҳо баъд аз санҷиш, бақайдгирӣ ва интишори расмӣ эътибор пайдо мекунанд.

Дар асоси банди 3 Тартиби интишори расмии санадҳои меъёрии ҳуқуқии вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон ва Агентии амнияти химиявӣ, биологӣ, радиатсионӣ ва ядроии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми марти соли 2018-ум, №167 тасдиқ шудааст, санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидошта пас аз бақайдгирии давлатии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон на дертар аз 10 рӯз дар рӯзномаҳои «Ҷумҳурият» ё «Садои мардум» расман интишор карда мешаванд ва аз рӯзи интишор гардидани онҳо дар яке аз ин рӯзномаҳо, инчунин дар маҷаллаи «Феҳристи ягонаи давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мавриди амал қарор мегиранд.

Тибқи банди 19 Тартиби баҳисобгирӣ ва бақайдгирии давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми апрели соли 2018-ум, №195 тасдиқ шудааст, мақоми санади меъёрии ҳуқуқиро қабулкунанда на дертар аз 15 рӯз ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сарчашмаи интишори ин санади меъёрии ҳуқуқӣ маълумот пешниҳод менамояд.

Ғайр аз ин, моддаи 505 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои риоя накардани тартиби муқарраршудаи нашри санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ кардааст.

Бинобар ин, бояд санади меъёрии ҳуқуқии мазкур тибқи тартиб ва мухлати дар боло зикршуда расман интишор гардида, маълумот дар бораи нашри он ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон на дертар аз 15 рӯз пешниҳод карда шавад. Ҳангоми нашри санади меъёрии ҳуқуқии умумиҳатмӣ нишон додани рақами бақайдгирӣ ва таърихи бақайдгирии давлатӣ ҳатмист.

Дар ҳолати нашр нагардидан ва пешниҳод накардани маълумот дар бораи сарчашмаи интишори расмӣ, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи аз Феҳристи баҳисобгирии давлатии санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон хориҷ кардани фармоиши мазкур қарор қабул менамояд.

Замима: нусхаи аслии хулосаи Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4-уми октябри соли 2024-ум, №1306 ва фармоиши директори Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11-уми сентябри соли 2024-ум, №1/38 (бо забонҳои давлатӣ ва русӣ).

Муовини вазир Шараф Каримзода

# ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 25. Тел.: (992 37) 221-44-05,
факс: 221-16-22 e-mail: info@minjust.tj, web: www.minjust.tj

№ 4-4-280 аз «4» 10 соли 2024

Ба №_________ аз «___»_____________ соли 202__

Агентии инноватсия ва технологияҳои
рақамии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Хулоса

Номи мақоме, ки санади меъёрии ҳуқуқиро барои бақайдгирии давлатӣ пешниҳод намудааст: Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Намуди санад, санаи қабул, номгӯйи он: фармоиши директори Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11-уми сентябри соли 2024-ум, №1/38 «Дар бораи Қоидаҳои санҷиши аслияти имзои электронӣ, аз ҷумла тасдиқи аслияти имзои электронии ҳифзшуда дар ҳуҷҷати электронӣ».

Мазмуни мухтасари санади меъёрии ҳуқуқӣ: фармоиши мазкур дар асоси моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ» таҳия гардида, қоидаҳои санҷиши аслияти имзои электронӣ, аз ҷумла тасдиқи аслияти имзои электронии ҳифзшуда дар ҳуҷҷати электронӣ аз ҷониби низоми иттилоотӣ дар марҳилаи таъсис ва фаъолияти низоми иттилоотиро муайян менамояд.

Хулоса (рақам ва санаи бақайдгирӣ): бо натиҷаи баррасӣ ба фармоиши директори Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11-уми сентябри соли 2024-ум, №1/38 «Дар бораи Қоидаҳои санҷиши аслияти имзои электронӣ, аз ҷумла тасдиқи аслияти имзои электронии ҳифзшуда дар ҳуҷҷати электронӣ» рақами бақайдгирии давлатии 1306 аз 4-уми октябри соли 2024-ум дода шуд.

Муовини вазир Шараф Каримзода

# ФАРМОИШИ
# ДИРЕКТОРИ АГЕНТИИ ИННОВАТСИЯ ВА ТЕХНОЛОГИЯҲОИ РАҚАМИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

«11» сентября соли 2024 ш.Душанбе №1138

Дар бораи Қоидаҳои санҷиши аслияти имзои электронӣ, аз ҷумла тасдиқи аслияти имзои электронии ҳифзшуда дар ҳуҷҷати электронӣ

180.180.040.

Мутобиқи моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ» ва банди 10 Низомномаи Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти соли 2024, №798 тасдиқ шудааст,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Қоидаҳои санҷиши аслияти имзои электронӣ, аз ҷумла тасдиқи аслияти имзои электронии ҳифзшуда дар ҳуҷҷати электронӣ, тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Раёсати танзими гардиши ҳуҷҷати электронӣ ва имзои электронӣ якҷо бо Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Марказҳои тасдиқкунанда, хизматрасониҳои давлатӣ ва таҳияи барномаҳои рақамӣ» санҷиши аслияти имзои электронӣ, аз ҷумла тасдиқи аслияти имзои электронии ҳифзшударо дар ҳуҷҷати электронӣ тибқи Қоидаҳои мазкур амалӣ намояд.
3. Фармоиши мазкур барои бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини директори Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - сарпарасти соҳа вогузор карда шавад.

Директори Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон — Мирзо Хуршед

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1306
«4» 10 с.2024

Замима ба фармоиши директори Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «11» сентябри соли 2024, № 1/38

Қоидаҳои санҷиши аслияти имзои электронӣ, аз ҷумла тасдиқи аслияти имзои электронии ҳифзшуда дар ҳуҷҷати электронӣ

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Қоидаҳои санҷиши аслияти имзои электронӣ, аз ҷумла тасдиқи аслияти имзои электронии ҳифзшуда дар ҳуҷҷати электронӣ (минбаъд – Қоидаҳои мазкур), қоидаҳои санҷиши аслияти имзои электронӣ, аз ҷумла тасдиқи аслияти имзои электронии ҳифзшударо дар ҳуҷҷати электронӣ аз ҷониби низоми иттилоотӣ дар марҳилаи таъсис ва фаъолияти низоми иттилоотӣ муайян менамояд.

2. Дар Қоидаҳои мазкур мафҳумҳои зерин истифода мешаванд:

1) низоми иттилоотӣ - низоме, ки иштирокдорони он бо истифода аз имзои электронӣ мубодилаи маълумотро дар шакли электронӣ амалӣ менамоянд;

2) маркази тасдиқкунанда - шахси ҳуқуқӣ, ки дорои ҳуқуқи тасдиқи мутобиқати калиди кушодаи имзои электронии ҳифзшуда ба калиди пӯшидаи имзои электронии ҳифзшуда, ки ба номи ӯ шаҳодатномаи бақайдгирӣ (дорандаи шаҳодатнома) дода шудааст, мебошад;

3) ҳуҷҷати электронӣ - маълумоте, ки дар шакли электронӣ пешниҳод шудааст;

4) имзои электронии ҳифзшуда (имзои электронии рақамӣ) - унсури ҳуҷҷати электроние, ки дар натиҷаи табдили криптографии маълумот бо истифода аз калиди пӯшидаи имзои электронӣ ба даст оварда шудааст ва барои айнияткунонии соҳиби сертификати калиди имзо имкон медиҳад, мавҷуд набудани таҳрифи маълумотро дар ҳуҷҷати электронӣ муқаррар менамояд ва ба ҳифзи ҳуҷҷати электронӣ аз тағйироти беиҷозат равона карда шудааст;

5) воситаҳои имзои электронии ҳифзшуда - воситаҳои дастгоҳӣ ва (ё) барномавие, ки иҷрои ақаллан яке аз функсияҳои зеринро таъмин менамоянд:

- омода кардани имзои электронӣ дар ҳуҷҷати электронӣ бо истифода аз калиди пӯшидаи имзои электронӣ;
- тасдиқи аслияти имзои электронӣ дар ҳуҷҷати электронӣ бо истифода аз калиди кушодаи имзои электронӣ;
- омода кардани калидҳои пӯшида ва кушодаи имзоҳои электронӣ.

## 2. РАСМИЁТИ САНҶИШИ ДУРУСТИИ ИМЗОИ ЭЛЕКТРОНӢ

3. Дар марҳилаи таъсис ва фаъолияти низоми иттилоотӣ ҳангоми гирифтани ҳуҷҷати электронии дорои шаҳодатномаи бақайдгирии имзои электронӣ, низоми иттилоотӣ вазифаи санҷиш ва тасдиқи имзои электрониро бо роҳҳои зерин амалӣ менамояд:

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1306
"4" 10 с.2024

- санҷиши имзои ҳифзшудаи электронӣ дар ҳуҷҷати электронӣ;

- санҷиши сертификати бақайдгирии тарафи имзокунанда.

4. Низоми иттилоотӣ имзои электронии ҳифзшударо дар ҳуҷҷати электронӣ бо истифода аз калиди кушодаи ҳифзшудаи имзои электронӣ, ки дар сертификати бақайдгирии тарафи имзокунанда мавҷуд аст, месанҷад. Ҳуҷҷати электронӣ бояд сертификати бақайдгирии тарафи имзокунандаро дар бар гирад.

5. Санҷиши имзои электронӣ бо тартиби баръаксе, ки ҳуҷҷат имзо шудааст, тибқи нақшаи зерин сурат мегирад:

- бо истифода аз калиди кушодаи имзои электронии ирсолкунанда хеши паём (имзои ирсолкунанда) рамзкушоӣ карда мешавад;

- бо истифода аз вазифаи хеш ҳаҷми ниҳоии паёми аслӣ ҳисоб карда мешавад.

6. Ҳангоми санҷиш ҳаҷми ду паём муқоиса карда мешавад, агар онҳо баробар бошанд, пас имзои электронӣ дуруст мебошад (натиҷаи мусбати имзои электронӣ муайян шуд), агар онҳо баробар набошанд, имзои электронӣ беэътибор дониста мешавад (натиҷаи манфии имзои электронӣ муайян шуд).

7. Дар ҳолати муайян шудани натиҷаи мусбати санҷиши имзои электронӣ, низоми иттилоотӣ сертификати бақайдгирии тарафи имзокунандаро тавассути иҷрои санҷишҳои зерин бо истифода аз воситаи ҳифзи криптографии иттилоот ва воситаҳои имзои электронии маркази тасдиқкунанда тафтиш менамояд:

1) санҷиши муҳлати эътибори сертификати бақайдгирӣ (санҷиши муҳлати эътибор аз сертификати бақайдгирии тасдиқшуда то сертификати бақайдгирии решавииии эътимодноки маркази тасдиқкунанда бо дар назар доштани сертификатҳои бақайдгирии муқаррарии марказҳои тасдиқкунанда);

2) санҷиши сертификати бақайдгирӣ барои бозхонд (бекор кардан) бо яке аз усулҳои зерин сурат мегирад:

- дар асоси рӯйхати сертификатҳои бақайдгирии бозхондшудаи маркази тасдиқкунанда. Усули санҷиши мазкур бекоршавии сертификати бақайдгирии санҷидашавандаро дар лаҳзаи оғози муҳлати амали рӯйхати сертификатҳои бақайдгирии бозхондшудаи маркази тасдиқкунанда, тасдиқ менамояд;

- санҷиши маҷозии сертификати бақайдгирӣ ҷиҳати бозхонд. Усули санҷиши мазкур бекоршавии сертификати бақайдгирии санҷидашавандаро дар лаҳзаи имзои ҳуҷҷат тасдиқ менамояд;

- дар асоси рӯйхати иловагии сертификатҳои бақайдгирии бозхондшуда. Хизматрасонии мазкур якҷо бо рӯйхати сертификатҳои бақайдгирии бозхондшуда истифода мешавад. Усули санҷиши мазкур тасдиқ мекунад, ки оё сертификати бақайдгирии санҷишшаванда дар оғози муҳлати амали рӯйхати иловагии сертификатҳои бақайдгирии бозхондашудаи маркази тасдиқкунанда бекор карда шудааст ё не;

3) санҷиши доираи истифодаи сертификати бақайдгирии имзои электронӣ, ки аз санҷиши мазмуни майдони «истифодаи калид» (Key Usage)-и сертификати бақайдгирӣ иборат аст. Мазмуни «Имзои электронӣ» ва «Бетағйир» дар майдони «истифодаи калид» маънои онро доранд, ки сертификати бақайдгирӣ барои имзои электронӣ истифода мешавад. Мазмуни

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ФЕҲРИСТИ БАҚИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1306
“4” 10 с.2024

«Имзои электронӣ» ва «Рамзгузории калидҳо», ки дар майдони «истифодаи калид» мавҷуданд, нишон медиҳанд, ки ин сертификати бақайдгирӣ барои аутентификатсия истифода мешавад;

4) санҷиши рақами сертификати бақайдгирӣ ва усулҳои иҷозатдодашудаи истифодаи он. Сиёсати сертификати бақайдгирии тасдиқшаванда дорои истифодаи иҷозатдодашуда ва манъшудаи сертификати бақайдгирӣ мебошад (масалан: сертификати бақайдгирӣ дар низоми иттилоотии «Хазинадорӣ-муштарӣ»), ин маънои онро дорад, ки сертификати бақайдгирӣ дар низомҳои дигари иттилоотӣ истифода намешавад, ба истиснои низоми иттилоотии «Хазинадорӣ-муштарӣ»;

5) санҷиши сохтани занҷири дуруст аз сертификати бақайдгирии тасдиқшуда то сертификати бақайдгирии решавиии бовариноки маркази тасдиқкунанда бо дар назар доштани сертификатҳои бақайдгирии муқаррарии марказҳои тасдиқкунанда;

6) санҷиши муҳри вақт барои ҳуҷҷатҳои электронии нигоҳдориашон дарозмуддат. Расиди вақт дар лаҳзаи имзои ҳуҷҷати электронӣ ҳангоми муайян кардани натиҷаи мусбати санҷиши имзои электронӣ таҳия гардида, ин ҳамчун далели имзои ҳуҷҷат дар лаҳзаи муайяншуда мебошад;

7) санҷиши ваколати шахси имзокунандаи ҳуҷҷат. Механизмҳои санҷиши ваколат аз ҷониби низоми иттилоотӣ амалӣ карда шуда, дар сурати мавҷуд будани маълумот дар сертификати бақайдгирӣ гузаронда мешавад.

8. Агар имзои электронӣ ё сертификати бақайдгирӣ ба талаботи яке аз санҷишҳои дар банди 7 Қоидаҳои мазкур, ба истиснои зербандҳои 6) ва 7) мувофиқат накунад, имзои электронӣ ё сертификати бақайдгирӣ беэътибор дониста мешавад (ҳангоми муайян кардани натиҷаи манфии имзои электронии ҳифзшуда ва сертификати бақайдгирӣ).

9. Амалисозии техникии аслӣ будани имзои электронӣ ва тасдиқи сертификати бақайдгирӣ аз ҷониби низоми иттилоотӣ ба роҳ монда мешавад.

10. Ҳангоми тасдиқ (муқаррар намудан)-и аслӣ будани имзои электронӣ бо истифода аз воситаҳои ҳифзи криптографии иттилооти маркази тасдиқкунанда пас аз гузарондани расмиёти санҷиши имзои электронӣ (натиҷаи мусбати санҷиши имзои электронӣ ва сертификати бақайдгирии имзои электронӣ муайян шудааст) ҳуҷҷати электроние, ки тавассути низоми иттилоотӣ гирифта шудааст, ба ҳуҷҷати имзошуда (дастӣ имзошуда) бо оқибатҳои ҳуқуқии якхела баробар эътироф карда мешавад.

11. Агар дар имзои электронӣ номувофиқатӣ ошкор карда шавад (натиҷаи манфии санҷиши имзои электронӣ муайян карда мешавад), пас аз расмиёти санҷиши аслӣ будани имзои электронӣ бо истифода аз воситаҳои криптографии ҳифзи иттилоот, ҳуҷҷати электроние, ки тавассути низоми иттилоотӣ гирифта шудааст, ба ҳуҷҷати имзошуда (дастӣ имзошуда) баробар дониста намешавад.

## 3.МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

12. Барои риоя накардани муқаррароти Қоидаҳои мазкур шахсони масъул тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
РЕЕСТРИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛАТИИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1306
«4» 10 с.2024